## 5.6. [07.00.00] ИЛМҲОИ ТАЪРИХ
## 5.6. [07.00.00] ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ
## 5.6. [07.00.00] HISTORICAL SCIENCES

### 5.6.1. [07.00.02] ТАЪРИХИ ВАТАН
### 5.6.1. [07.00.02] ОТЕЧЕСТВЕННАЯ ИСТОРИЯ
### 5.6.1. [07.00.02] HOME HISTORY

***ТДУ 930.85***
***DOI:10.51844-2077-4990-2023-2-11-17***

# *САҲМИ ҶАББОР РАСУЛОВ ДАР РУШДИ ФАРҲАНГИ ТОҶИКИСТОН*

***Набизода Ваҳҳоб Машраб,*** *д.и.т., профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров"(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *ВКЛАД ДЖАББОРА РАСУЛОВА В РАЗВИТИЕ КУЛЬТУРЫ ТАДЖИКИСТАНА*

***Набизода Вahхоб Машраб,*** *д.и.н., профессор кафедры истории таджикского народа ГОУ «ХГУ имени акад.Б. Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

# *JABBOR RASULOV`S CONTRIBUTION INTO TAJIK CULTURE DEVELOPMENT*

***Nabizoda Vahhob Mashrab,*** *doctor of historical sciences, professor of the department of home history and archeology, SEI "KSU named after acad. B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand)*
***E-mail:*** *v.m.nabiev@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *Ҷаббор Расулов, фарҳанг, актёрон ва драматургони ҷавон, дастаҳои эҷодӣ, муассисаҳои маданию маърифатӣ, санъати театр, рӯзҳои адабиёт ва санъат, дастгирии адибон, ҷоизаҳои давлатӣ*

*Дар мақола саҳми арбоби барҷастаи сиёсиву давлатӣ Ҷаббор Расулович Расулов дар рушди фарҳанги Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дар асоси маводи амалӣ фаъолияти Ҷаббор Расуловро дар тайёр намудан ва тарбия кардани зиёиёни ҷавони эҷодкор таҳқиқ намудааст. Қайд карда мешавад, ки Ҷаббор Расулов дар давраи роҳбари ҲКМ Тоҷикистон будан барои пешрафти муассисаҳои маданию маърифатӣ, дастаҳои эҷодӣ ва санъати театр хизмати арзанда кардааст. Хотирнишон мешавад, ки дар замони роҳбарии Ҷаббор Расулов таваҷҷуҳи хоса ба ғамхорию дастгирии адибон дода шудааст. Нишон дода мешавад, ки барои таҳкими дӯстии халқҳо баргузории рӯзҳои адабиёт ва санъати ҷумҳуриҳои бародари собиқ ИҶШС мусоидат менамуданд.*

***Ключевые слова:*** *Джаббор Расулов, культура, молодые актёры и драматурги, творческие коллективы, культурно-просветительские учреждения, театральное искусство, поддержка писателей, государственные премии*

*В статье рассматривается вклад выдающегося политического и государственного деятеля Джаббора Расулова в развитие культуры Таджикистана. Автор на основе фактического материала освещает деятельность Джаббора Расулова в процессе подготовки и воспитания творческой молодежи. Отмечается, что Джаббор Расулов внес существенный вклад в развитие культурно-просветительских учреждений, творческих коллективов и театрального искусства. Особое внимание уделяется заботе и поддержке писателей. Показывается, что проведение дней литературы и искусства способствовало укреплению дружбы народов.*

***Key words:*** *Jabbor Rasulov, culture, young actors and playwrights, creative teams, cultural-educational institutions, theatrical art, support of writers, state awards*

*The article dwells on the issue concerned with the contribution of an outstanding politician and political leader Jabbor Rasulov into Tajik culture development. Proceeding from the assumption of factual materials the author of the article highlights Jabbor Rasulov`s activities aimed at young creative youth`s preparation and education. Here is mentioned that Jabbor Rasulov made a significant contribution into the development of cultural-educational institutions, creative teams and theatrical art. Particular attention is paid to writers` care and support. It is indicated that holding the days of literature and art promoted strengthening the peoples` friendship*

Номи арбоби барҷастаи ҳизбӣ ва давлатӣ Ҷаббор Расулович Расулов барои тоҷикистониён азизу мӯътабар мебошад. Ӯ аз зумраи он ходимони давлатию сиёсии замони шӯравӣ буд, ки тавассути ақлу заковат, қобилияти кордонию ташкилотчигиаш, адолатпешагии ирсию фурӯтаниаш сазовори эҳтирому писанди ҳамагон, меҳру муҳаббати мардуми диёр гаштааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон хеле бамаврид гуфта буд: «Солҳои шастум дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ пешравиҳои басо ҳайратовар ва тақдирсоз ба миён омаданд. Фаъолияти созандагию ободкории сарварони мамлакат ба табъи роҳбарони онвақтаи шӯравӣ писанд наомад. Паси ҳам бо баҳонаҳои гуногун роҳбарони олимақом Турсун Ӯлҷабоев, Назаршо Додхудоев, Пётр Степанович Обносов аз вазифа барканор гардиданд. Хушбахтона ба сари қудрат Ҷаббор Расулов ва Абдулаҳад Қаҳҳоров барин фарзандони содиқи Ватан омаданд» [6,с.259].

Бо номи Ҷаббор Расулов пешрафт, инкишоф ва тағйироти куллие, ки дар ҷумҳурӣ ба амал омадаанд, зич алоқаманд мебошад. Вай зиёда 30 сол инони идораро дар даст дошт, ки аз он 10 сол Раиси Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон ва 21 сол Котиби якуми Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон буд.

Дар солҳои роҳбарии Ҷаббор Расулов рушди илму маориф, фарҳанг, адабиёт ва санъат хеле назаррас буданд. Боиси таассуф аст, ки дар марҳилаи ба ном «бозсозӣ» ва шароити кунунӣ баъзе «муҳаққиқон» пайдо шуданд, ки хизматҳои дар соҳаи илму маориф ва фарҳанг кардаи Ҷаббор Расуловро ғаразнок инъикос менамоянд. Ин гурӯҳ «олимтарошон» даъвои онро доранд, ки шодравон фақат ба тараққиёти иқтисодӣ диққат медоду халос.

Баҳри воқеият ва адолат бояд зикр кард, ки Ҷаббор Расулов ҳангоми солҳои дар мансаби Раиси Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон ва хусусан Котиби якуми Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон кор карданаш дар тайёр ва тарбияи зиёиёни ҷавони эҷодкор саҳми арзанда гузоштааст.

Ҳанӯз моҳи августи соли 1946 Ҳукумати Тоҷикистон Ҳанифа Мавлонова, Ҳоҷӣ Аҳмадов, Авнер Муллоқандов, Мулук Баҳорро ба шӯъбаи вокалӣ, Зиёдулло Шаҳидӣ, Фозил Солиев, Шарифҷон Бобокалонов, Насимҷон Пӯлодовро ба шӯъбаи композитории Консерваторияи давлатии ба номи П.И.Чайковский, Азиза Азимова, Ғаффор Валаматзодаро ба шӯъбаи балетмейстерӣ, Шамсӣ Қиёмовро ба шӯъбаи режисёрии Донишкадаи давлатии санъати театрии ба номи А.В. Луначарский фиристода буд. Роҳбарияти ҶШС Тоҷикистон ба толибилмони москвагии худ таваҷҷуҳи хоса дода, ғамхорӣ мекарданд. Чунончӣ тобистони соли 1950 дар толори Консерваторияи Москва ба номи П.И.Чайковский хатмкунандаи синфи дирижёрии оркестрҳои симфонии шӯъбаи миллии Консерваторияи Москва Ибодулло Абдуллоев чун дирижёр ҳунарнамоӣ мекард. Аз тамоми хатмкунандагони шӯъбаи миллӣ танҳо ӯ буд, аз шӯъбаи русӣ ҳам як кас. Оркестри симфонии Филармонияи вилояти Москва дар ҳузури 1300 кас симфонияи шашуми Чайковскийро менавохту онро ӯ идора мекард. Дар консерт Котиби якуми КМ Ҳизби коммунистии Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров ва Раиси Шӯрои вазирони ҷумҳурӣ Ҷаббор Расулов ширкат доштанд ва аз ҳунарнамоии дирижёри умедбахш ҳаловат бурда, табрик карданд. «Ман, - ёдоварӣ мекунад Ибодулло Абдуллоев аз ҳузури онҳо дар консерт хабар надоштам. Бобоҷон Ғафуров сипас ба Ҷаббор Расулов рӯ оварда гуфтанд: «То ба Тоҷикистон баргаштан ин кас дам гиранд, истироҳат кунанд. Мувофиқи супориши Бобоҷон Ғафуров ба ман як путёвка ва маблағ доданд, ки як моҳ дар соҳили баҳри Сиёҳ дам гирам. Кирои роҳро ҳам аз баҳри Сиёҳ то Сталинобод ҷудо намуданд» [8,с.21].

Дар солҳои 1955, 1966, 1971 бошад ба студияи тоҷикии Донишкадаи давлатии санъати театрии ба номи А.В.Луначарский як зумра ҷавонони боистеъдод, мисли Ҳабибулло Абдураззоқов, Тамара Абдушукурова, Маҳмудҷон Воҳидов, Ҳошим Гадоев, Майрам Исоева, Даврон Алиматов, Дилбар Умарова, Қурбон Ҳомидов, Ибодулло Машрабов, Тоҳир Баҳромов, Зафар Ҷаводов ва дигарон сафарбар карда шуданд.

Боиси зикр аст, ки хатмкунандагони сеюми студияи тоҷикии Донишкадаи давлатии санъати театрии ба номи А.В.Луначарский кашшофони нахустини Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи Маҳмудҷон Воҳидов мебошанд [9].

18-уми декабри соли 1979 Котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон Ҷ.Расулов дар нутқи худ бахшида ба 50-солагии театр ба таври ҳаққонӣ Театри академӣ-драмавии Тоҷикистон ба номи А.Лоҳутиро «лабораторияи махсуси эҷодии фарҳанги саҳнавӣ» номида буд. Ин суханон пурра

ба воқеият рост меояд, чунки маҳз дар ҳамин ҷо драмаи миллии тоҷик тавлид ёфт, мустаҳкам гардид ва комёбиҳои дурахшон ба даст овард, ки намояндагони насли ҷавонаш Нур Табаров, Меҳмон Бахтӣ, Ато Ҳамдам, Нурулло Абдуллоев, Шодӣ Солеҳов ва дигарон мебошанд.

Лаёқати бойи бадеии тоҷикон дар намудҳои гуногуни санъат зоҳир мeёбад. Маҳз омили мазкур барои ҷалби гурӯҳи калони ҷавонони лаёқатманд, таъсис додани дастаҳои нави эҷодӣ баҳри тарғиби санъати мусиқӣ мусоидат намуд. Бо дастгирии Ҳукумати ҷумҳурӣ оркестри эстрадии «Гулшан», Ансамбли давлатии рақсии «Лола», Ансамбли созию овозии «Орзу» ташкил карда шуданд. Ҳангоми таъсисдиҳии ансамбли «Зебо»-и Кумитаи давлатии телевизион ва радиои ҶШС Тоҷикистон ба норизоии Вазоратҳои фарҳанг, молия, ҳатто Шӯрои Вазирони ҷумҳурӣ нигоҳ накарда, Ҷаббор Расулов дар бюрои КМ Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон таклифи раиси Кумитаи давлатии телевизион ва радиои Тоҷикистон Ғ.Қаландаровро дар бораи ташкил кардани ансамбл дастгирӣ кард. Дере нагузашта ин ансамбл на фақат дар Иттиҳоди Шӯравӣ, балки дар мамлакатҳои хориҷӣ низ шӯҳратёр гардид.

Ҷаббор Расулов бо олимон, аҳли адабу санъат, машваратҳо доир намуда, таклифу пешниҳодҳои онҳоро ба инобат мегирифт. Таҳти сарварии ӯ барои инкишофи муасисаҳои маданию маърифатӣ тадбирҳои судманд андешида шуданд.

Натиҷаи ҳамин ғамхорӣ ва фаъолияти пайгиронаи Ҷаббор Расулов буд, ки дастаҳои ҳаваскорони бадеии колхозҳои ба номи Ленини ноҳияҳои Қумсангиру Восеъ, колхози «1-Май»-и ноҳияи Панҷ, колхози ба номи Фрунзеи ноҳияи Хуҷанд ва хоҷагиҳои дигар шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ арзи вуҷуд намуда, дар ҳудуди ҷумҳурӣ ва берун аз он бо барномаҳои рангину ҷолиби консертии худ ҳунарнамоӣ карданд [4, с.18]. Падидаи фараҳбахши солҳои 70-ум таъсиси маҷмааи фарҳангӣ буд. Нахустин маҷмааи фарҳангӣ соли 1979 дар колхози ба номи Шаталови ноҳияи Кӯлоб ташкил шуд. Дар ин ҷо дар як бино хонаи маданият, толори кино, китобхона, мактаби мусиқии бачагона, осорхонаи колхоз ҷойгир шуда буданд. Комплекси фарҳангии мазкур ҳамчун ғолиби мусобиқаи сотсиалистии Умумииттифоқии байни муассисаҳои клубӣ бо Байрақи Сурхи сайёри Вазорати фарҳанги ИҶШС ва КМ иттифоқҳои касабаи коркунони фарҳанг сарфароз гардид [1, с.412].

Умуман дар ибтидои солҳои 80-ум дар Тоҷикистон 57 маҷмааи фарҳангӣ амал мекарданд.

Солҳои роҳбарии Ҷаббор Расулов санъати театр хеле инкишоф ёфт. Дар Театри опера ва балети ба номи С.Айнӣ, Театри академии драмавии ба номи А.Лоҳутӣ, Филармонияи давлатии Тоҷикистон, ансамблҳои рақсӣ ва эстрадӣ, театрҳои касбӣ ва халқии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, асарҳои нависандагони ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, адибони мамлакатҳои хориҷӣ ва асарҳои драматургони тоҷик ба саҳна гузошта шуданд.

Ҷаббор Расулов ба таҳкими асосҳои моддию техникӣ, тармиму таъмири муасисаҳои фарҳангӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мекард. Арбоби давлатию ҷамъиятӣ Султон Мирзошоев менависад: «Солҳои ба ҳайси вазири маданият фаъолият карданам (соли 1980) бахшида ба кадомин як тантана Ҷаббор Расулович ва аъзои бюрои КМ дар хоначаи ҳукуматии Театри академии опера ва балет ба номи устод Айнӣ ҷамъ омаданд. Қабл аз ин ҷамъомад бо ҳамроҳии шодравон Ғаффор Валаматзода, муовинаш Гердел Борис Борисович вазъи харобшавии театрро баррасӣ ва санҷида баромадем. Ба хулосае омадем, ки аз ҳузури Ҷаббор Расулович ва Раҳмон Набиевич истифода бурда, масъалаи тармиму таъмири театрро мегузорем. Банда ҳамчун вазири нав ҳамроҳи Ғ.Валаматзода ба он кас арз кардем. Мазмуни арзи ҳар дуи мо ин буд: театр, ки яке аз иншооти беҳтарин дар меъмории Осиёи Марказӣ мебошад, дар вазъи харобшавӣ қарор дорад.

Баъди ин сӯҳбат ва табодули назар Ҷ.Расулов ба Раиси Шӯрои Вазирон Р.Набиев супориш дод:

- 6 моҳ мӯҳлат барои омода намудани санадҳои лозимӣ, 1,5 сол барои таъмиру тармим. Хоҳиш мекунам, ягон сабабу баҳонаҳои дигар наҷӯед.

«Мирзошоев лоиҳаи қарори ҳукуматро омода сохта, фардо месупорад», - ҷамъбаст намуд Ҷаббор Расулович.

Хурсандии мо интиҳо надошт аз ин супориши сарвари ҷумҳурӣ. Бо кашмакашҳои зиёд театрро ба Қасри иттифоқҳои касаба кӯчондем. Таъмиру тармим қариб се соли дома ёфт, бо вуҷуди оне, ки ҳафтае як бор бо ҳамроҳии намояндаи КМ ва котиби аввали кумитаи шаҳрӣ «планерка» мегузарондем.

Имрӯзҳо аз таъмире ки соли 1983 ба итмом расид ва театр аз харобӣ эмин ёфт, ба супоришу ғамхории Ҷаббор Расулович шифо ёфт ва ба зеби ҷавоншаҳри Душанбе ҳусни хоса меоварад, ифтихор дорем. Дар сохтмони театри лӯхтак, ки яке аз беҳтарин театрҳои кӯдакони Осиёи Миёна аст ва тармими Театри ҷавонон ба номи М.Воҳидов ҳиссаи эшон бебаҳост» [2,с. 63-64].

Бо мақсади бо макони зист таъмин намудани ҳунарпешагон, омӯзгорони мактабҳои олӣ ва мактабҳои миёнаи махсуси соҳаи фарҳангу санъат дар соли 1982 бо супориши Ҷаббор Расулов аз 4 корпуси хобгоҳи дар маҳаллаи 33-и ш.Душанбе бунёд ёфта, 3-тоаш ба ихтиёри Вазорати фарҳанги ҶШС Тоҷикистон дода шуд. Ғамхории дилсӯзонаи Ҷаббор Расулов ҳангоми ба унвони Артисти халқии СССР пешниҳод кардани Ҷӯрабек Муродов бараъло ҳис карда мешуд. Дар ин бора ходими намоёни давлатӣ Холмурод Шарифов менависад: «Соли 1978 мақомоти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷӯрабек Муродовро барои дарёфти унвони Ҳунарпешаи мардумии Иттифоқи Шӯравӣ пешниҳод намуд. Дар Вазорати маданияти ИҶШС ҳуҷҷатҳоро гирифта бошанд ҳам, таклифи ҷумҳуриро дастгирӣ накарданд. Баҳонаашон он будааст, ки Муродов дар консерватория нахондаасту маълумоти олии касбии мусиқӣ надорад. Чунин беэътиноии мансабдорони Москва ба иззати нафси роҳбарони Тоҷикистон расид. Онҳо бо исрор талаб карданд, ки дар Москва шаби эҷодии Ҷӯрабек Муродов ташкил карда шавад. Шаби эҷодии номбурда бояд дар Театри эстрадии шаҳри Москва дар нимаи моҳи декабри соли 1978-ум баргузор мешуд…

Роҳбари онвақтаи ҷумҳурӣ Ҷаббор Расулов ба ман фармуд, ки дар гузаронидани он маърака кӯмак расонам. Вай ҳазломез гуфта буд: «Ҳушёр бош, боз худдонамҳои москвагӣ бори дигар ғиромӣ карда, ба санъати Ҷӯрабек назарбаландиву беэътиноӣ накунанд» [9, с.294].

Дар тақвияти гуфтаҳои боло иштирокчии консерт, мудири шӯъбаи маданияти КМ ҲКТ Холмурод Шарифов нигоштааст: «Коргардон ва барандаи барнома Ҳунарпешаи мардумии ҷумҳурӣ Абдусалом Раҳимов оғози консертро бо «Суруди Рӯдакӣ»-и шеъри Мирзо Турсунзода, оҳанги Ҷӯрабек Муродов сар кард. Пас Ҷӯрабек сурудҳои дилнишину машҳури миллатҳои гуногунро бо маҳорати баланду услуби нотакрори ба худаш хос паси ҳам ҷӯр мекард. Мардум дар толор ӯро бо эҳсосоти хушу шавқмандӣ ва эҳтироми том гӯш мекарданд. Ҳамин, ки суруди навбатӣ ба охир мерасид, толор аз зарби кафкӯбиҳои умум меларзид ва сароянда гулборон мешуд. Чунин истиқболи самимонаи тамошобини ноозмуд ба Ҷӯрабек қувваю илҳоми тоза мебахшид, ӯ рӯҳбаланд менамуд ва сурудҳоро бо дигар забонҳо низ бо маҳорату завқи баланд месароид. Аз ҷумла суруди ӯзбекӣ «Ишонмайди», сурудҳои халқии русӣ «Калинка», «Коробейники», «Бӯса» (ё «Сезарби Ҷӯрабек»), арманӣ «Мехак», озарӣ «Қалбим сендадур», афғонӣ «Худат гул», эронӣ «Ту сафар кардӣ», арабӣ «Лайлӣ», ҳиндӣ суруд аз филми «Сангам», туркманӣ «Уғул тугсанчӣ», қирғизӣ «Туморим», туркӣ «Фиребгар» (“Алдамчӣ”) ва ғайра ба муштариён тӯҳфа мегардиданд. Шаби эҷодиашро Ҷӯрабек бо суруди «Тӯёна», ки аз ганҷинаҳои санъати халқи азизаш интихоб карда буд, анҷом дод»[9, с.294-295].

Баъди тақрибан ду моҳ Фармони Президиуми Шӯрои Олии СССР доир ба додани унвони фахрии Артисти халқии СССР ба Ҷӯрабек Муродов ба имзо расид. «Ниҳоят пас аз муддате чанд, - ёдовар мешавад Ҷӯрабек Муродов, - боре соатҳои ҳашт ё ҳаштуними пагоҳӣ занги телефон баланд шуд. Гӯшакро гирифтам: «Тебя от души поздравляю сынок» - гуфт касе бо забони русӣ. Хоболуд будам «спасибо» гӯён гӯшакро мондам. Ва нохост як қад парида аз ҷо хестам. Донистам, ки ин овози Ҷаббор Расулов ва оби дидаам шашқатор шуд.

Худи ҳамон рӯз аз номи вазири маданияти СССР Демичев(Пётр Нилович. - Н.В.) аз Маскав телеграммаи ҳукуматӣ омад» [3]. Ташкил ва баргузор намудани даҳа, ҳафта ва рӯзҳои адабиёт ва санъати тоҷик дар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва манзури мардуми ин кишварҳо гардонидани фарҳангу ҳунари бойи халқи тоҷик ҳамеша дар мадди назари Ҷаббор Расулов қарор дошт.

Намоиши дастоварду комёбиҳои адабиёту санъат, диду боздидҳои ҳунармандон, ҳамкориҳои судбахши адабию эҷодии санъаткорону адибон ва гурӯҳҳои ҳунарӣ маҳз тавассути баргузории чунин чорабиниҳои муҳташами фарҳангӣ амалӣ гардиданд. Баргузории даҳаю ҳафтаҳои адабиёту санъат ва рӯзҳои фарҳангии Украина (с.1961), Қирғизистон (с.1961, 1976), Озарбойҷон (с.1962), Қазоқистон (с.1963), Белоруссия (с.1965), Федератсияи Россия (с.1967), Ӯзбекистон (с.1968, 1981), Литва (с.1969), Арманистон (с.1972) дар Тоҷикистон ва даҳаю ҳафта ва рӯзҳои адабиёту санъати Тоҷикистон дар Украина (с.1962), Қирғизистон (с.1962), Федератсияи Россия ()с.1965, 1967, 1974, 1977), Озарбойҷон (с.1965), Белоруссия (с.1966), Молдавия (с.1967), Литва

(с.1970), Арманистон (с.1975), Ӯзбекистон (с.1981) барои таҳкими равобити мутақобилаи адабию фарҳангии Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, эҷоду тарҷума ва нашри беҳтарин осори илмию адабӣ заминаи воқеӣ фароҳам оварданд.Ҳамаи ин чорабиниҳо як мақсаду маром дошт. Пеш аз ҳама мустаҳкам кардани воситаи дӯстию бародарии байни халқҳо ва тантанаи пешравии адабиёту санъат буд. Ҷаббор Расулов ба адибон эҳтироми хоса дошт. Бо дарки он, ки адибон ҳамеша бо халқанд дар сафарҳои кории худ ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Саидалӣ Вализода ва дигаронро ҳамроҳ мебурд. “Шоҳиди чандин сӯҳбату мулоқотҳои муфиди аъзоёи бюрои КС ҲК Тоҷикистон, - менависад публитсист Х.Шарифов, бо гурӯҳҳои соҳибқаламон мебошам, ки дар онҳо тарафайн маълумотҳои ҷолиби диққат дода, аз боби адабиёту санъат сазовор тасвир намудани корнамоиҳои меҳнаткашон дар иншоотҳои Норак, Ёвон, заводи алюминии тоҷик, қаҳрамониҳои пахтакорону боғдорон ва чорводорон дар Вахшу Ленинобод, Кӯлобу Ҳисор, Қаротегину Помир ва ғайраҳо сухан мерафт”.

Мирзо Турсунзода бо маслиҳатҳову эродҳо ва мулоҳизаҳои Котиби якуми онвақтаи КМ ҲК Тоҷикистон Ҷаббор Расулович Расулов диққати махсус медод.Одатан мулоқотҳои Расулов ва Турсунзода хеле самимона ва пурсамар мегузаштанд, ки ин дар кори амалии ташкилоти эҷодии адибон нақши хуб мегузошт. Ман борҳо шоҳиди сӯҳбатҳои дилчаспу кордонона ва ибратбахши онҳо будам ва имрӯз фақат дар хусуси яке аз он сӯҳбатҳо мухтасар таваққуф менамоям.

Арафаи тайёрӣ ба съезди VII нависандагони Тоҷикистон буд. Мирзо Турсунзода бо ҳуҷҷатҳои съезд ва матни маърӯзааш дар съезд ба шӯъбаи маданияти КМ ПК Тоҷикистон омад. Ҳамаи масъалаҳо дуру дароз муҳокима шуданд. Баъд сухан дар хусуси проблемаҳои дар маърӯза бардошташуда рафт.Дар хотима М.Турсунзода изҳор кард: «Чӣ мешуд, ки баъзе масъалаҳоро бо Ҷаббор Расулович маслиҳат мекардем, он кас доим фикрҳои оличаноб мегӯянд». Воқеан Расулов, ки дар хоксорию ғамхорӣ нисбат ба кадрҳо намунаи ибрат буд, ҳамеша аз вазъи адабиёту санъат огоҳ буд ва дилсӯзона онро ба роҳи дуруст раҳнамун мекард. Мо бо Турсунзода ҳардуямон он рӯз ба қабули Ҷаббор Расулов рафтем. Ҷаббор Расулов бо диққати том ба суханҳои Турсунзода гӯш андохт. Дар ин мулоқот Мирзо Турсунзода се масъали муҳими ҷараёни адабиро бардошт – якум, дар адабиёт инъикос намудани корнамоиҳои бунёдкунандагони комплекси истеҳсолии ҷануби Тоҷикистон; дуюм, проблемаҳои рӯзмарраи драматургияи тоҷик, тадбирҳои ҳарчи тезтар бартараф намудани нуқсонҳои он; сеюм, таҳлили эҷодиёти ҷавонони соҳибқалам. Дар ҳамин сӯҳбат Турсунзода аз зарурати давом додани анъанаҳои устодон Айнӣ ва Лоҳутӣ, дар бораи эҷодиёти шогирдонаш бо ифтихору сарбаландии ғайриоддӣ сухан ронда: «Ҷаббор Расулович, - гуфт ӯ, - ман асарҳои онҳоро хонда, аз хушнудӣ мехоҳам, ки туппиамро ба осмон ҳаво диҳам. Ин чунин маънӣ дошт, ки ӯ аз эҷодиёти шогирдони онрӯзааш хеле қаноатманд буд ва тайёр аст, ки эстафетаи ояндаи адабиётро ба дасти шогирдонаш бидиҳад.Зимни сӯҳбат Мирзо Турсунзода аз хизматҳои шоистаи Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Муҳиддин Аминзода, Абдусалом Деҳотӣ, Ҷалол Икромӣ, Ғанӣ Абдулло, Раҳим Ҷалил, Сотим Улуғзода, Мирсаид Миршакар, Фотеҳ Ниёзӣ, ки дар инкишофи адабиёти советии тоҷик саҳм гузоштанд ва ҳамчунин аз дараҷаи эҷодии насли умедбахши адибони ҷавон – Фазлиддин Муҳаммадиев, Мӯмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ ва дигарон бо завқ нақл мекард» [9,с.46]. Дар тӯли фаъолияти сиёсатмадориаш Ҷаббор Расулов ба таҷлили ҷашну маросимҳои шахсиятҳои машҳури илму адаб ва фарҳангу санъати тоҷик таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир карда, барои ба сатҳи баланд гузаронидани онҳо тадбирҳои мушаххас меандешид.

«Дар он давраҳо ҷашни шоирону нависандагони шинохтаи ҷумҳурӣ, - ёдоварӣ менамояд шогирд ва ҳамсафи Ҷаббор Расулов Ибодат Раҳимова, - на фақат дар Тоҷикистон, балки дар пойтахти Иттиҳоди Шӯравӣ ш.Москав бо иштироки намояндагони адибони шинохтаи ҷумҳуриҳои бародарӣ мегузашт. 100-солагии нависандаи машҳури мамлакат – Садриддин Айнӣ дар Москав – Театри калони ИҶШС гузаронида шуд. Худи Ҷаббор Расулов бо аъзои Бюрои сиёсии Комитети Марказии Партияи Коммунистии Иттифоқи Советӣ дар лоҷаи ҳукуматӣ ширкат доштанд. Ман маърӯза кардам. Консерти устодони санъати Тоҷикистон таҳти роҳбарии Ғаффор Валаматзода намоиш дода шуд. Маҳмудҷон Воҳидов, Аҳмад Бобоқулов, Малика Собирова, Лутфӣ Кабирова, Музаффар Бурҳонов, Ҷӯрабек Муродов ва дигарон маҳорати худро нишон доданд. Ҷашнҳои 60-солагии Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар ва

дигарон дар зали Колонии Москва гузаронида шуда буд» [5,с.32]. Яке аз хислатҳои инсондӯстонаи Ҷаббор Расулов бетараф набудан ба қисмати адибон мебошад.

Боре аз болои раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода ба КМ ҲКТ шикояти хусуматангез омада буд. Баъди шиносой бо ариза Ҷаббор Расулов комиссияи махсус ташкил дода, мудири шӯъбаи маданияти КМ ҲКТ Холмурод Шарифовро раиси комиссия таъин намуд. Дар бораи объективона ва беғаразона санҷидани ариза супориш дода, таъкид намуд: «Тоҷикистон дар арсаи байналхалқӣ чӣ дорад? – пахтаву адабиёту Мирзо Турсунзода дорад, ки обрӯяшро мебардорад». Дар натиҷаи хусуматҳои «ноҷавонмардонаи дӯстонаш» нависанда, собиқ раиси Суди Олӣ Ҳабибулло Назаров ҷазои сахт гирифту солҳои зиёд гӯшанишинӣ кард. Вақте ки ба Ҷ.Расулов фаҳмониданд, ки нисбат ба Назаров беадолатӣ зоҳир шудааст ӯ нависандаро махсус, алоҳида қабул карда тасалло дод ва ба муносибати 60-солагиаш Ҳабибулло Назаровро ба ордени «Дӯстии халқҳо» сарфароз гардонид [9, 1с.26-127].

Бо розигии Ҷаббор Расулов тағмаи «душманони халқ» аз номи Нақибхон Туғрал, Абдурауфи Фитрат, Аҳмадҷони Ҳамдӣ бардошта шуду асарҳояшон дастраси мардум гардид.

Вай ба эҷодиёти истеъдодҳои нисбатан ҷавон – Файзулло Ансорӣ, Аминҷон Шукӯҳӣ, Мавҷуда Ҳакимова, Муҳиддин Хоҷаев, Мӯъмин Қаноат, Фазлиддин Муҳаммадиев, Ибод Файзуллоев ва дигарон муносибати падарона дошт. Барои қадрнамой ва ҳавасманд гардонидани аҳли илму адаб, арбобони санъату ҳунар, бо ибтикори Ҷаббор Расулов як қатор мукофотҳои давлатии Тоҷикистон таъсис ёфтанд. Аз ҷумла соли 1963 Мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдулло Рӯдакӣ созмон дода шуд, ки ҳамчун мукофоти олии ҷумҳурӣ барои комёбиҳои намоён дар соҳаи адабиёт, санъат ва меъморӣ то имрӯз амал мекунанд. Адибон, санъаткорону ҳунармандони тоҷик аз қабили Мирзо Турсунзода (с.1963), Мирсаид Миршакар (с.1964), Ҷалол Икромӣ (с.1964), Аминҷон Шукӯҳӣ (с.1965), Гурминҷ Завқибеков (с.1965), Аҳмад Бобоқулов, Мирзоаҳмат Олимов, Малика Собирова, Музаффар Бурҳонов, Боқӣ Раҳимзода, Фазлиддин Муҳаммадиев (с.1967), Раҳим Ҷалил, Аслӣ Бурҳонов (с.1970) аз аввалинҳо шуда сазовори ин мукофот гардиданд. Умуман дар солҳои 1946-1956 ва 1961-1982 дар ҷумҳурӣ Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, Академияи илмҳо, Донишкадаи политехникӣ, Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ, Донишкадаи давлатии санъат, Донишкадаи давлатии забонҳо таъсис ёфтанд. Вохӯрию маслиҳатҳои Ҷаббор Расулов бо олимони шинохтаи ҷумҳурӣ – Султон Умаров, Солеҳ Раҷабов, Аловаддин Баҳоваддинов, П.Н.Овчинников, В.И.Красичков, Комил Тоҷиев, Зикрулло Хоҷаев. Х.Мансуров ва дигарон ҳарвақт баргузор мегардид. Дар бюро, маҷлиси фаъолон, пленумҳои Комитети Марказӣ масъалаҳои муҳими ҳаёти ҷумҳурӣ муҳокима карда мешуд. Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи илм ва техника таъсис дода шуд. Дар байни шахсоне, ки ба ин ҷоиза сарфароз гардиданд, донишмандони номии ҷумҳурӣ Аловаддин Баҳоваддинов, Зариф Раҷабов, Абдуғанӣ Мирзоев, Баҳодур Искандаров, Акбар Махсумов, Пӯлод Бобоҷонов ва дигарон буданд. Барои хизматҳои барҷастаашон дар инкишофи фарҳанги шӯравӣ, офаридани асарҳои баланди ғоявӣ ва бадеӣ М.Турсунзода бо унвони Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, Лауреати мукофотҳои ленинӣ ва давлатии ИҶШС сазовор гашта буд. Мирсаид Миршакар ва Мӯъмин Қаноат – лауреати мукофоти давлатии ИҶШС ва Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ гардиданд.

Мулоқотҳои Ҷаббор Расулов бо роҳбарони созмонҳои эҷодӣ Мирзо Турсунзода, Хушвахт Хушбахтов, Борис Кимёгаров, Шарофиддин Сайфиддинов, Мӯъмин Қаноат, Зиёдулло Шаҳидӣ, Сӯҳроб Қурбонов, Дамир Дӯстмуҳаммадов, Ҳабибулло Абдураззоқов баҳри рушди фарҳанги миллӣ самаранок буданд. Ташкилоти ҳизбии Тоҷикистон таҳти сарварии Ҷаббор Расулов нерӯи худро барои инкишофи кинематографияи ҷумҳурӣ равона карда, ба ҳалли вазифаҳои ташкилӣ ва эҷодии кинои тоҷик кӯмак менамуд. Барои фаъолият ба студияи «Тоҷикфилм» адибони номдор ва кормандони касбии кино ҷалб карда мешуданд. Тайёр кардани кадрҳо беҳтар гардид. Дар соли 1965 ба мактабҳои олии мамлакат 10 нафар толибилмон фиристода шуда, 25 нафар ғоибона таҳсил мекарданд. Мактаб-студияи ассистентҳои режиссёрон ва операторон амал намуда, дар он 40 нафар нозукиҳои санъати киноро аз худ мекарданд. Ҳамаи ин тадбирҳо самараи хуб доданд. Дар студияи «Тоҷикфилм» дар қатори устодони бомаҳорат ба мисли Б.Кимёгаров, Т.Собиров, И.Барамиков, А.Раҳимов, Б.Середин кинематографистони ҷавон режиссёрон М.Орифов, М.Маҳмудов, аввалин зан режиссёр аз Осиёи Миёна М.Қосимова, С.Ҳомидов, Х.Бақоев, операторон А.Мансуров, З.Дахте, Д.Худоназаров, Е.Кузин ва дигарон

бомуваффақият фаъолият мекарданд. Дар соли 1966 бо ташаббусу дастгирии Ҷаббор Расулов ҷоизаи Комсомоли Тоҷикистон дар соҳаи адабиёт ва санъат таъсис дода шуд. Аввалин барандагони ин ҷоиза солисткаи Театри академии опера ва балети ба номи С.Айнӣ Малика Собирова ва шоир Мӯъмин Қаноат буданд. Умуман дар солҳои 1967-1982 24 намояндагони ҷавони эҷодкор сазовори ин унвони фахрӣ гардиданд. Барои хизмати шоиста дар инкишофи фарҳанги шӯравӣ ба намояндагони ҷавонони эҷодкори ҷумҳурӣ Малика Собирова ва Ҷӯрабек Муродов унвони Ҳунарманди мардумии ИҶШС дода шуд. Рассом Сӯҳроб Қурбонов, шоира Гулрухсор Сафиева, раққоса Малика Собирова, операторон Евгений Кузин ва Александр Пестролобов сазовори ҷоизаи ИҶЛКУ гардиданд. Ватан хизматҳои фарзанди содиқашро қадр кардааст. Ба ӯ унвони олии Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ дода шудааст. Ҷаббор Расулов дорандаи 10 ордени Ленин, ордени Револютсияи Октябр, 3 ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, ордени Ҷанги Бузурги Ватанӣ дараҷаи II, як қатор медалу ифтихорномаҳо мебошад.

## ПАЙНАВИШТ:


1. История культурного строительства в Таджикистане. – Т.VI (Новейшая история). – Душанбе: Империал-Групп, 2011 – 741 с.
2. Мирзошоев, С.Роҳбар,устод/С.Мирзошоев // Зиндаёд: Хотираҳо дар бораи арбоби барҷастаи сиёсиву давлатӣ Ҷаббор Расулов. – Душанбе: Статус, 2003. – С.63-64.
3. Набиев, В. Арбоби сиёсиву давлатӣ / В.Набиев // Ҷумҳурият. – 2003. – 18 январ.
4. Олимов, К. Саҳми Ҷаббор Расулов дар пешрафти фарҳанг ва маориф / К.Олимов // Арбоби барҷастаи давлатӣ. – Душанбе: Ирфон, 2003. – С.17-23.
5. Раҳимова, И. Ҳамдилу ҳамрози мардум / И.Раҳимова // Зиндаёд: Хотираҳо дар бораи арбоби барҷастаи сиёсиву давлатӣ Ҷаббор Расулов. – Душанбе: Статус, 2003. – С.31-36.
6. Раҳмонов, Э. Суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 80-солагии Маҳмадулло Холов, 22 январи соли 2000 / Э.Раҳмонов // Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. – Душанбе: Ирфон, 2002. – Ҷ.3. – С.257-261.
7. Темиров,Х.З.Саҳми Ҷаббор Расулов дар пешрафти илм ва маорифи Тоҷикистон(солҳои 60-80-уми асри XX)/Х.З.Темиров// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.–2020.-№ 2.-Р.108-112.
8. Ҷавонони Тоҷикистон. – 2003. – 25 апрел.
9. Шарифов, Х. Ахтарон / Х.Шарифов. – Душанбе: Шарқи озод, 2004. – 337 с.
10. Шарифов, Х. Роҳбари халқӣ / Х.Шарифов // Зиндаёд: Хотираҳо дар бораи арбоби барҷастаи сиёсиву давлатӣ Ҷаббор Расулов. – С.126-127.


## REFERENCES:


1. The history of cultural construction in Tajikistan. – V.VI (Recent History). – Dushanbe: Imperial Group, 2011 – 741 p.
2. Mirzoshoev, S. The leader, the teacher / S.Mirzoshoev // Zindayod: Memories of the prominent politician and statesman Jabbor Rasulov. – Dushanbe: Status, 2003. – P.63-64.
3. Nabiyev, V. Politician and statesman / V.Nabiyev // The Republic. – 2003. – January 18.
4. Olimov, K. Jabbor Rasulov`s contribution into culture and education progress / K.Olimov // Prominent State Figure. – Dushanbe: Cognition, 2003. – P.17-23.
5. Rahimova, I. The supporter and the confidant of people / I. Rahimova // Zindayod: Memories of the prominent politician and statesman Jabbor Rasulov. – Dushanbe: Status, 2003. – P.31-36.
6. Rahmonov, E. Speech at the ceremonial meeting dedicated to the 80th anniversary of Mahmadullo Kholov, January 22, 2000 / E.Rahmonov // Independence of Tajikistan and revival of the nation. – Dushanbe: Cognition, 2002. – Volume 3. – P.257-261.
7. Temirov, Kh. Z. The contribution of Jabbor Rasulov in the development of science and education in Tajikistan (60-80-s of the XX century) Kh. Z. Temirov// Bulletin of the National University of Tajikistan.-2020.-№ 2.-P.108-112.
8. Youth of Tajikistan. – 2003. – April 25.
9. Sharifov, Kh. Akhtaron / Kh.Sharifov. – Dushanbe: Free Orient, 2004. – 337 p.
10. Sharifov, Kh. People`s Leader / Kh.Sharifov // Zindayod: Memories of the outstanding politician and statesman Jabbor Rasulov. – P.126-127.